

31.12.2017 22:00, шаҳри Душанбе

Ҳамватанони азиз!

Тибқи солшумории мелодӣ соли 2017 сипарӣ шуда, соли нави 2018 фаро мерасад.

Кулли мардуми шарифи Тоҷикистон ва ҳамаи ҳамватанони бурунмарзиамонро ба ин муносибат самимона табрик мегӯям.

Дар соле, ки фаро расида истодааст, ба хонадони ҳар яки шумо фазои орому осуда, рӯзгори обод ва хушҳоливу хушрӯзӣ орзу менамоям.

Умедворам, ки соли нав барои халқи сарбаланди тоҷик соли бобарор ва марҳалаи навбатии вусъати амалҳои созандаву ободкориҳо гардида, мақсаду маром ва орзуву ниятҳои некамон амалӣ мешаванд.

Зеро соле, ки сипарӣ мегардад, барои мардуми кишварамон давраи заҳмати софдилона ба хотири пешрафти Ватани соҳибистиқлоламон буд.

Чанд рӯз пештар дастовардхое, ки мо дар зарфи соли 2017 ба онхо муваффак шудем, инчунин, вазифахо барои соли оянда дар Паёми Президент ба Мачлиси Олии мамлакат муфассал баррасӣ шуданд.

Имрӯз хамаи мо шукрона мекунем, ки бо иродаи кавии мардуми сохибмаърифату куханбунёдамон дар сарзамини ачдодиамон сулху оромӣ ва суботи сиёсӣ хукмрон аст ва сокинони мамлакат ба хотири ояндаи неки Ватан сарчамъу ахлона захмат мекашанд.

Зеро махз хамин фазои орому осудаи кишвар аст, ки дар соли 2017 низ мо тамоми захираву имкониятхоро барои бехтар гардонидани шароити рӯзгори сокинони мамлакат сафарбар намуда, дар ин самт силсилаи икдомотро амалӣ намудем ва ният дорем, ки ин равандро босуръат идома бахшем.

Бо дарназардошти накш ва чойгохи хоссаи чавонони кишвар, ки сарнавишти ояндаи миллату давлатамон ба ухдаи онхо вогузор карда мешавад, соли 2017 Соли чавонон эълон карда шуд, ки ин икдом боиси боз хам афзудани дастовардхои чавонони бонангу номуси мо дар сохахои мухталифи иктисодиву ичтимоӣ ва фархангиву варзишӣ гардид.

Бовар дорам, ки чавонони гаюру далер ва ватандӯсту ватанпарвари точик якчо бо мардуми ободгару химматбаландамон минбаъд низ ба хотири химояи истиклолияту озодӣ, тахкими пояхои давлатдории миллӣ, густариши хисси баланди миллӣ, худшиносиву худогохӣ, муаррифии шоистаи Точикистон дар арсаи байналмилалӣ, рушди иктисодиёту ичтимоиёт, фархангу маърифат ва умуман, пешрафти Ватани махбубамон саъю талош хоханд кард.

Дар иртибот ба ин, хотирнишон месозам, ки хар яки мо бояд дар соли нави мелодӣ бо истифода аз хамаи имкониятхо барои боз хам мустахкам намудани истиклолияти давлатӣ, афзун намудани дастовардхои он, хифзи манфиатхои давлату миллат ва рушди минбаъдаи кишвари азизамон бо эхсоси баланди ватандӯстӣ кӯшиши бештар ба харч дихем, бо дарки рисолати олии ватандорӣ содикона захмат кашем, тамоми нерӯву имконият ва донишу тачрибаи худро ба ободонии сарзамини мукаддасамон равона созем.

Хусусан, дар айёме, ки манфиатчӯиҳои сиёсиву иктисодӣ ва ичтимоиву фарҳангии кудратҳои чаҳонӣ торафт шиддат пайдо карда, дар натича вазъи сайёра рӯз ба рӯз мураккабу бухронӣ шуда истодааст, ҳамаи мо вазифадорем, ки барои ҳимояи истиклолияту озодӣ, яъне неъмати бузургтарини зиндагиамон ва ҳифзи манфиатҳои милливу давлатиамон ҳамеша омода бошем, фарзандонамонро дар рӯҳияи ватандӯстӣ, эҳтироми конунияту тартибот, омӯзиши илму дониш, касбу ҳунар ва ободонии сарзамини ачдодӣ тарбия кунем.

Тавре ки дар Паёми худ ба макоми олии конунгузори мамлакат изҳор доштам, мо бояд аз ҳоло омодагиро ба истикболи сазовори 30 - солагии истиклолияти давлатиамон огоз намоем.

Итминон дорам, ки аз рӯзҳои аввали соли нав кору фаъолияти созанда ва заҳмати ободгаронаи мардуми шарифи Точикистон ба номи мубораки истиклоли Ватан сафарбар мегардад.

Орзумандам, ки соли нави мелодӣ барои ҳар як хонадони мардуми Точикистон соли суботу оромӣ, файзу баракат ва пешрафту дастовардҳои боз ҳам бештар гардида, ҳамаи накшаву ниятҳои неки онҳо бо заҳмати ватандӯстонаи ҳар як фарди Ватан ва азму талоши созандаи мардуми шарафмандамон амалӣ шаванд.

Бори дигар фарорасии соли нави мелодиро барои ҳамаи ҳамватанони азиз табрик гуфта, ба хонадони ҳар яки шумо саломативу хушбахтӣ ва ба Точикистони маҳбубамон суботу оромии човидона орзу менамоям.

Соли нави мелодӣ муборак, ҳамватанони азиз!

prezident.tj